# Некӣ, ахлоқи нек аст, ва гуноҳ он чизест, ки дар дилат ноороми эҷод кунад ва нахоҳӣ ки мардум аз он огоҳ шаванд

Аз Нувос ибни Симъони Ансорӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро дар бораи некӣ ва гуноҳ пурсидам, фармуданд: "Некӣ, ахлоқи нек аст, ва гуноҳ он чизест, ки дар дилат ноороми эҷод кунад ва нахоҳӣ ки мардум аз он огоҳ шаванд".
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар бораи некӣ ва гуноҳ пурсида шуд, фармуданд: Бузургтарин хусусиятҳои некӣ ахлоқи нек ва бо тақво ба Аллоҳ Таъоло аст. Ва бо мардум, бо таҳаммули озор, камхашмӣ, чеҳраи кушода, сухани нек, силаи раҳм, итоат, хубӣ кардан, меҳрубонӣ, некӯкорӣ, ҳамзистии хуб ва дӯстии шоиста аст. Аммо гуноҳ чизе аст, ки дар дил шубҳа ва ноороми эҷод мекунад. Ва он аз корҳое аст, ки инсон худ дар дилаш ба он шак дорад ва дилаш нисбат ба он осуда нест ва метарсад, ки гуноҳ бошад. Ва намехоҳад, ки он дар назди касе ошкор шавад, зеро дар назари мардумони бо обрӯ зишт менамояд. Зеро нафси инсон зотан дӯст медорад, ки мардум аз корҳои неки ӯ огоҳ шаванд. Пас, агар касе нахоҳад дигарон аз коре, ки анҷом додааст, бохабар шаванд, маълум мешавад, ки он кор гуноҳ аст ва хайре дар он нест.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee